Ба Шурои диссертатсионии 6D.KAO-015
дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ, (734042,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо
Раҷабовҳо, 10)

**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ашуров Носир Амонқулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт)**

Ашуров Носир Амонқулович, соли таваллудаш 1985, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2016 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав)-ро бо гирифтани тахассуси ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ хатм намудааст. Инчунин, соли 2018 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав)-ро бо гирифтани дараҷаи магистрии тахассуси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит хатм намудааст. Аз соли 2016 то ҳол ҳамчун ассистенти кафедраи нақлиёти автомобилии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав шуда кор карда истодааст. Инчунин Ашуров Носир Амонқулович аз 15-уми октябри соли 2018 инҷониб унвонҷӯи кафедраи нақлиёти автомобилии факултети техникӣ ва технологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ашуров Н.А. дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 29-уми октябри соли 2018, протоколи №3 тасдиқ шудааст.

Аз рӯзи аввали фаъолияти таҳқиқотиаш Ашуров Носир Амонҷулович фаъолона ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва раванди таълими донишгоҳ машғул шуда, мавзӯи таҳқиқоти илмии худро дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) интихоб намудааст.

Ашуров Н.А. пайваста ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул шуда, дар конференсияҳои сатҳи дохилидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, корҳои илмиашро дар шакли мақолаҳо оид ба фаслҳои асосии рисолаи номзадиаш ба нашр расонидааст.

Дар давоми фаъолияти кориаш Ашуров Н.А. худро чун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро шарҳ дода, натиҷаҳои илмӣ ба даст овардааст. Дар

чараёни таълифи кори диссертатсиониаш ӯ доираи васеи адабиётҳои зиёди ватанию хориҷӣ ва сатҳи хизматрасонии нақлиётӣ-логистикии минтақаи вилояти Хатлонро омӯхтааст.

Муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат мебошад, ки инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ фаъолияти мунтазами воридот ва содирот дар кишвар, ҳамлу нақлро дар дохили он таъмин намуда, ба ин васила ба иқтисодиёти кишвар таъсири худро мерасонанд. Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23 апрели соли 2014) таъкид намуданд, ки: «... ташкил ва рушди марказҳои нақлиётию логистикӣ ҳамчун қисми таркибии инфрасохтори нақлиётии минтақавӣ метавонад имкониятҳои транзитии кишварро беҳтар намуда, ба афзоиши ҳиссаи мамлакат дар хизматрасонии минтақавию байналмилалии нақлиётӣ мусоидат намояд, ки ин ҳам ҷойҳои нави корӣ ва ҳам манбаи даромади иловагии буҷет ва рушди иқтисодиёт мебошад».

Қисми муҳимми инфрасохтори минтақа ин нақлиёт буда, фаъолияти самарабахши ҳамаи корхонаҳоро дар минтақа, инчунин вазъи иҷтимоии онҳо низ вобаста аз фаъолияти босамари нақлиёти автомобилӣ мебошад. Нақлиёти автомобилӣ як соҳаи ташаккулёбандае мебошад, ки на танҳо гардиши борҳо ва ҳамлу нақли мусофиронро таъмин менамояд, балки дар баробари ин, ҳамчун катализатор барои рушди саноату хоҷагии қишлоқ хизмат мекунад ва талаботро ба маҳсулоти технологияҳои баланд дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт фароҳам меорад.

Омӯзиши инфрасохторҳои мавҷудаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки ин инфрасохторҳо аз ҷиҳати техникӣ хуб инкишофёфта набуда, хизматҳои баландсифати ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгуро надоранд. Дар терминалҳои логистикӣ таҷҳизоти муосир мавҷуд нест. Аз ин сабаб маҷмуи хизматрасониҳо, ки дар равандҳои интиқол, навъбандӣ, борбардорӣ, борфарорӣ, тақсимот, коркарди борҳо, барасмиятдарории гумрукӣ ва хизматрасонии техникии қисми ҳаракаткунанда иҷро мешаванд, мушкилот доранд.

Дар чунин шароит рушди усулҳои мавҷуда ва истифодаи усулҳои мусоиди такмили илмии маҷмуи хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ барои стратегияи таъсисии марказҳо дар Тоҷикистон, ки маркази ягонаро ташкил медиҳанд, нақши калон мебозад.

Дар раванди омӯзиши масъалаҳои таҳқиқот дар ин самт бисёр масъалаҳои ҳалношуда боқӣ мондааст.

Масъалаҳои омӯхтанашуда дар самти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон низ таъсири худро ба рушди соҳаи нақлиёт гузоштааст. Бисёр паҳлуҳои масъала омӯхта нашудаанд ва онҳо таҳқиқоти мукаммалро талаб менамоянд. Инчунин оид ба ташкили инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, муайян кардани масоил, роҳҳои баланд бардоштани неруи захираҳои минтақавӣ ва тавсияҳои асосноки амалкунанда барои беҳтар намудани рақобатпазирии инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити муосир диққат додан лозим аст. Ҳамаи гуфтаҳои боло интихоби муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро муайян менамояд.

Кори диссертатсион Ашуров Н.А. дар солҳои 2018-2022 дар кафедраи нақлиёти автомобилии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро карда шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро натиҷаҳои маълумот, маводи нашркардаи муаллиф, хулоса ва тавсияҳои дар таҳлили илмӣ бадастомада, натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ тасдиқ менамоянд. Инчунин натиҷаҳои бадастомада ва татбиқнамоии таҳқиқоти диссертатсиониро санадҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикии вилояти Хатлон» ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» тасдиқ менамоянд.

Ашуров Н.А. дар давоми таҳқиқоти илмиаш оид ба мазмуни асосии диссертатсия 20 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 7,5 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 16 адад дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонидааст.

Мазмуни асосии диссертатсияи Ашуров Н.А. дар муқаддима асосноккунии муҳиммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосҳои назариявӣ ва методӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, базаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, наворарии илмии таҳқиқот, омӯзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, давраҳои таҳқиқот, саҳми муаллиф доир ба натиҷаҳои таҳқиқот, дар амал татбиқсозии натиҷаҳои таҳқиқот, маводи нашршуда ва сохтори диссертатсия оварда шудааст.

**Дар боби аввали рисолаи таҳқиқотӣ** «Асосҳои назариявию методии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ» назария ва мавқеи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии дар сохтори иқтисоди бозории минтақа ва асосҳои фаъолияти он, хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити бозор муайян карда шудаст.

**Дар боби дуюми рисолаи таҳқиқотӣ** «Вазъи муосири рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон» – ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон, омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа омӯхта шуда, амсиласозии иқтисодию риёзии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа анҷом дода шудааст.

**Дар боби сеюми рисола** «Мукамалгардонии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон» ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ, дастгирии сармоягузорӣ барои рушди он ва самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон таҳия ва муайян карда шудааст.

Объекти таҳқиқоти кори диссертатсиониро маҷмааи нақлиётию логистикии вилояти Хатлон ташкил дода, мақсади он коркарди назариявӣ ва методии ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ, арзёбии самтҳои афзалиятноку тамоюли он дар шароити муосир мебошад.

Навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ашуров Н.А. аз асосноккунӣ ва коркарди тавсияҳо ҷиҳати такмил додани самтҳои асосии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити бозор иборат буда, аз чунин навовариҳои илмӣ иборат мебошад:

– дар диссертатсия асосҳои назариявӣ-методии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа бо дарназардошти нақши он дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ карда шудааст. Инчунин равишҳои методологӣ оид ба рушди самтҳои афзалиятнок, шаклҳо ва усулҳои тараққиёт, баланд бардоштани самараи истифодабарии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисодиёти бозорӣ дида баромада шудааст;

– муаллиф ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақаро самти муҳимтарини рушди иқтисодиёт ҳисобида, аз рӯи натиҷаи таҳқиқи ҳамаҷониба хусусиятҳо ва масоили рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки мавқеи инфрасохторро дар шароити муосир дар бар мегиранд, муайян кардааст;

– вусъатёбии иқтидори инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ аз сатҳи бадастовардашудаи рушди хизматрасонии нақлиётӣ вобастагӣ дорад, ки барои самаранок истифода намудани имкониятҳо дар рушди минтақаҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия омӯзиши асосҳои методии фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа ба роҳ монда шуда, барои ҳалли мушкилоти рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа дар шароити иқтисоди бозорӣ диққати махсус дода шудааст;

– дар асоси таҳлил ҳолат ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар вилояти Хатлон ва камбудиҳои ҷойдошта баҳо дода шудааст. Муаллиф чунин меҳисобад, ки иқтидори захиравӣ, бузургӣ, арзиш ва сатҳи техникии воситаҳои асосӣ ва гардон, шумора ва дараҷаи тахассуси кормандон, захираҳои молиявӣ ва иттилоотиро бо мақсади истифодаи самараноки гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ, ноил шудан ба самтҳои стратегии соҳаи нақлиёт дар асоси баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо, сатҳи инноватсионӣ, техникӣ ва технологии хизматрасонии нақлиётӣ ва самаранокии фаъолият дар шароити ҳудудҳои гуногун, пешниҳод шудааст;

– мавқеи муҳим дар диссертатсия ба омӯзиши шароити рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, дар заминаи омӯзиши ҳамаҷонибаи таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, технологӣ, маркетингӣ, инноватсионӣ, молиявӣ ва дигар омилҳо ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирӣ, ки хизматрасонии нақлиётию логистикиро амалӣ менамоянд, баҳо дода шудааст. Инчунин омилҳои таъсирбахш ба рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа муайян карда шудааст;

– дар диссертатсия амсилаи иқтисодию риёзии дурнамои рушди ҳаҷми боркашонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон бо дарназардошти таъсири омилҳо сохта шудааст. Инчунин амсилаи иқтисодию риёзии такмилдодашудаи рушд ва ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа пешниҳод карда шудааст. Дар баробари ин, ба амсиласозии иқтисодӣ-риёзӣ бо дарназардошти истифодаи иқтидори корхонаҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар вилояти Хатлон диққати махсус дода шудааст;

– тавсияҳо оид ба асосноккунии стратегияи рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ дар диссертатсия ба роҳ монда шудааст. Амалӣ намудани ин стратегия имконият медиҳад, ки нақши инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон ҷойи асосиро ишғол намуда, барои беҳдошти муносибатҳои нақлиётӣ ва истифодаи механизмҳои логистикӣ имконият пайдо карда шуда, потенсиали содиротии кишвар, истифодаи анборҳо, долонҳои нақлиётӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

– устувории рушди иҷтимоию иқтисодӣ, тамомияти сиёсии кишвар ва мутобиқшавии бозор аз бисёр ҷиҳат аз ҳолати комплекси нақлиётӣ-логистикӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии он вобаста аст. Дар ин росто, нақши сармоягузорӣ дар лоиҳаҳои инфрасохтори кишвар, аз ҷумла дар робита бо таъсиси субъектҳои нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – вилояти Хатлон ба таври назаррас меафзоянд. Бо дарназардошти хусусиятҳои хоси кишвар ва тамоюлҳои муосири рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи равишҳои навро дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, дар

диссертатсия дастгирии сармоягузорӣ барои рушди он дар шароити имрӯзаи вилояти Хатлон пешниҳод карда шуда, механизми истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда такмил дода шудааст, ки рақобатпазирии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро дар шароити бозор бо дарназардошти мушаххасоти меъёрҳои самаранокии корхонаҳои нақлиётӣ таъмин менамояд;

– дар диссертатсия барои такмили механизми истифодаи самараноки иқтидори инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ, таъмини рақобатпазирии онҳо дар шароити бозор пешниҳодҳо оварда шудааст. Вобаста ба ин, истифодаи нишондиҳандаи маҷмуии самаранокии иқтидори инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ бо дарназардошти самти мақсадноки онҳо барои баланд бардоштани суръати афзоиш ва истифодаи самараноки захираҳо бо мақсади таъмини раванди хизматрасониҳои нақлиётӣ ба истеъмолкунандагони дохилӣ ва субъектҳои фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ тавсия дода шудааст;

– дар диссертатсия қайд шудааст, ки самаранокии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро ташкилот ва идоракунии оптималии он муайян мекунад. Системаҳои интеллектуалии идоракунии комплекси нақлиётӣ ва логистикӣ метавонанд самаранокии идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва технологии хизматрасонии нақлиётӣ ва логистикиро баланд бардорад;

– дар диссертатсия дар натиҷаи татбиқи платформаи ҳамгирошудаи иттилоотӣ барои ҳамлу нақли мултимодалӣ имконият медиҳад, ки сода кардани равандҳои тиҷоратии корхонаҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар минтақа тавассути истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ; баланд бардоштани суръати ҳамлу нақли бор, тавассути таҳияи занҷирҳои оптималии нақлиёт, сатҳи интиқол, ҷолибият ва рақобатпазирии иншооти инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ ба даст ояд;

– дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ва унсурҳои таркибии он, инчунин бо дарназардошти таъсири омилҳои афзоиши рақобатпазирӣ дар давраи баррасишаванда ва дарозмуддат имкон медиҳанд, ки сохторҳои нақлиётӣ иҷрои Стратегияи миллии рушдро то соли 2030 дар вилояти Хатлон таъмин кунанд;

Ҳамин тавр, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки рушд ва истифодаи самараноки инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва инчунин ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Чунин мешуморем, ки Ашуров Н.А. аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатси гузошташуда баромада, кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи аҳамиятноки мубрами кишвар таҳия намудааст. Ба ӯ муяссар шудааст, ки дар диссертатсияи худ мушкилотҳои инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии

вилояти Хатлонро муайян намуда, тавсияҳо таҳқиқ намуда, оид ба рушди минбаъдаи ин соҳаи муҳими кишвар пешниҳодҳои мушаххас намояд.

Мақолаҳои чоп кардаи унвонҷӯ ва автореферати рисолаи ӯ пурра мазмуни рисоларо инъикос мекунанд.

Кори диссертатсионии Ашуров Носир Амонқулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) пешниҳод шудааст, тахассусии анҷомёфта буда, аз рӯйи ҳаҷму арзиши назариявию амалиаш, навгониҳо, чопи мақолаҳои илмӣ, хулосаҳои илмиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ аст. Муаллифи кори диссертатсионӣ Ашуров Н.А.-ро барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Р.К.

Раҷабов Раҷаб Кучакович, тел: (+992) 934444107
E-mail: drrajab@mail.ru

Имзои Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори ШК ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.